«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент ____________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«_18_» ____11____________ с.2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Шарифзода Нурулло Шариф унвонҷӯи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Шарифзода Нурулло Шариф соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро соли 2017 ҳамчун ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оғоз намудааст. Солҳои 2021-2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Инчунин, аз соли 2023 то соли 2024 ба сифати муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз сентябри соли 2024 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи молия ва суғурта ва муовини декан оид ба тарбияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз 18 ноябри соли 2024, суратҷаласаи №4/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Шарифзода Нурулло Шариф дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2018, суратҷаласаи №4/5.9 тасдиқ гардидааст. Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31.03.2022 №8/4.19 мавзуъ ва роҳбари илмии Шарифзода Нурулло Шариф бинобар пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ иваз намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шариф Раҳимзода – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) (15.06.2021) бо баҳои 4 (хуб), таърих ва фалсафаи илм (19.12.2020) бо баҳои 5(аъло) ва имтиҳони номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз (19.10.2024) бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**1. Баҳои кори иҷрошуда.** Дар шароити муосири иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои хоҷагидорӣ иқтисоди миллӣ ба сармоягузориҳои бонкӣ эҳтиёҷ дорад. Таъмини иқтисодиёт бо сармоягузориҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад, зеро бонкҳои ватанӣ бо истифода аз маблағҳои худӣ ва ҷалбкардашуда метавонанд пойгоҳи захиравии худро тақвият бахшанд ва иқтидори молиявию сармоягузориро афзоиш диҳанд.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ва самаранок истифода бурдани захираҳои бонкӣ, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методии мафҳум ва моҳияти захираҳои бонкӣ, таҳқиқи муаммоҳои рушд ва гурӯҳбандии сохтори захираҳо, истифодаи усулҳои ҷалби захираҳои озоди дарозмуҳлат, суғуртакунии маблағҳои ҷалбкардашуда, махфӣ нигоҳ доштани сирри пасандозгузорон, таъмини бехатарӣ ва бозгардиши маблағҳои ҷалбкардашуда, дастгирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, татбиқи имтиёзҳои бонкӣ, истифодаи механизмҳои баҳодиҳии захираҳо, кошиши нобоварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, инчунин риоя ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошанд.

Дар баробари ин, раванди идоракунии маблағҳои ҷалбкардашуда ва самаранок истифода гардидани захираҳо дар самтҳои гуногуни хоҷагидорӣ барои бонкҳо аҳаммияти калон дорад. Айни замон яке аз ҳадафҳои асосии бонкҳо ин идоракунии самараноки захираҳо ва дар ин замина баланд бардоштани иқтидори молиявию сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, чунки аз давраҳои аввалини пайдоиш то ҳол на ҳамаи бонкҳо ба идоракунии самаранок ва баҳодиҳии захираҳо аҳаммияти хосса медиҳанд ва ин ҳолат боиси муфлис гардидани баъзеи онҳо гардид. Таҷрибаи фаъолияти бонкӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати нодуруст идора, истифода ва баҳо додани захираҳои бонкӣ таъмини рушди устувори сармоягузории бонкӣ ғайриимкон аст.

Вобаста ба ин мушкилот дар кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки: «...вазъи низоми пуливу қарзии кишвар, бахусус, фишори қурб ба асъори миллӣ, ноустувории сармояи бонкӣ, сатҳи нокифояи қарздиҳӣ

ба иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармоя моро водор месозад, ки дар ин самт тадбирҳои таъхирнопазир андешем». Ҷиҳати бартараф ва ҳалли ин мушкилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола супоришҳо ба мақомотҳои дахлдор аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дода мешавад. Аз ин рӯ, зарурати таъмини иҷрои ин супоришҳо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявиро вазифадор менамояд, ки онҳо дар заминаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 фаъолияти худро такмил ва дуруст муайян намоянд, зеро ҷалби мақсадноки маблағҳои муваққатан озоди аҳолию субъектҳои хоҷагидорӣ ва тақсимоту истифодаи самараноки онҳо метавонад ба рушди иқтидори молиявию сармоягузорӣ ва қарзии бонкҳо таъсири мусбат расонад.

Аз ин лиҳоз, ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқоти илмии мо ин дарёфти роҳҳои ҷалби бештари маблағҳои озод ва ба ин восита таъмини иқтисодиёт бо маблағҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз сарчашмаи асосии иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо ин маблағҳои ҷалбкардашуда мебошад ва ҷиҳати ҷалби бештари онҳо моро зарур аст, ки усулҳо ва механизмҳои гуногуни ташаккул ва баҳодиҳиро пайдо ва мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Таҳлил ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳо, инчунин татбиқи усулҳо ва механизмҳои муосир ба бонкҳо имкон медиҳанд, ки усулҳои нисбатан мувофиқро истифода намоянд. Айни замон роҳҳо ва усулҳои мавҷудаи ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ ба шароити имрузаи ҷаҳонӣ қисман мутобиқ нестанд ва ин ҳолат дар раванди ташаккул ва истифодабарии самараноки захираҳои бонкӣ нисбатан таъсири худро гузошта истодааст. Аз ин рӯ, такмили роҳҳу механизмҳои ташаккули захираҳои бонкӣ ва истифодаи самараноки онҳо барои бонкҳо хеле муҳим мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Муаллиф мавзуи таҳқиқот, нақшаи мантиқии диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро дар заминаи дақиқии маълумот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муайян намудааст. Маводи илмии нашргардидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд. Хулосаву пешниҳодҳои рисолаи илмӣ бо маълумоти оморӣ ва дигар сарчашмаҳои расмии таҳқиқшуда асоснок карда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** ин омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо буда, мукаммалгардонии роҳҳои ҷалбу истифодаи маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқеию ҳуқуқӣ баҳри ташаккулу баҳодиҳии захираҳои бонкӣ мебошад.

**Навгониҳои илмии диссертатсия** дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методиву амалӣ оид ба ҷалб, идора ва баҳодиҳии захираҳои бонкӣ, ки он ҳамчун замина барои баландбардории иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат ба ҳисоб меравад, арзёбӣ мегардад.

Натиҷаҳои нисбатан муҳимме, ки ҳамчун навгонӣ аз ҷониби муаллиф таҳия гардидаанд:

1. Дар асоси омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ моҳият ва аҳаммияти иқтисодии захираҳои бонкӣ возеҳу равшан кушода шуд. Муайян гардид, ки мафҳуми «захираҳои бонкӣ» нисбат ба мафҳуми «захираҳои қарзии бонк» васеътар буда, ҳадафи асосии захираҳои бонкӣ на танҳо қарздиҳӣ, балки гузаронидани дигар намуди амалиётҳо ва хизматрасониҳо мебошанд.

2. Дар натиҷаи таҳқиқу баррасии вазифаҳои гузоштashуда ошкор гардид, ки заминаи асосӣ дар афзоиши иқтидори молиявию сармоягузории бонкӣ ин маблағҳои ҷалбгардидаи аҳолӣ маҳсуб мeёбад. Иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳои ҷаҳон дар заминаи захираҳои бонкӣ собит намуд, ки иқтидори молиявию сармоягузории бонкҳо дар иқтисоди миллӣ яке аз иқтидорҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ баҳри таъмини талаботи худ аз онҳо самаранок истифода мебаранд.

3. Вазъи муосири захираҳои бонкӣ ва нақшу мақоми бонкҳо таҳлилу муайян гардида, нишондиҳандаҳои иқтидори молиявию сармоягузорӣ дар низоми бонкӣ дақиқ арзёбӣ карда шуд. Дар ҷараёни таҳқиқот муайян шуд, ки ҳудуди мизони қарздиҳӣ ва сармоягузории бонкӣ нисбат ба дороиҳои онҳо дар солҳои таҳлилии 2016-2023 мутаносибан аз 43 то 57 фоиз баробар гардидааст. Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки ба ин самт таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд, зеро дар ҳолати пешниҳоди ками маблағҳои озод ба дигар субъектҳо, норасоии маблағ дар иқтисодиёт ба мушоҳида расида, боиси афзоиши меъёри фоизи қарзӣ ва коҳишёбии сармоягузорӣ дар иқтисодиёт мегардад.

4. Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ дар раванди ташаккули захираҳои бонкӣ муайян карда шуда, сиёсати пулию қарзӣ ба ташаккули захираҳои бонкӣ тавассути фишангҳои амалкунанда, ба монандӣ меъёрҳои фоизӣ, пардохтпазирӣ, иштирок дар бозори озод ва устувории низоми бонкӣ таъсир расонида, татбиқи дурусти ин фишангҳо боиси афзоиши захираҳо мегарданд. Барои расидан ба рушди устувори низоми бонкӣ ва баландбардории сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ иҷро ва татбиқи меъёри захираҳои ҳатмӣ ва меъёри бозтамвил хеле муҳим аст.

5. Роҳҳои такмили низоми баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ва раванди истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва асоснок карда шуд. Яке аз самтҳои асосие, ки ба ташаккули ҳаҷми захираҳои бонкӣ таъсири мусбат мерасонад, ин рақамикунонӣ ва навоварӣ дар низоми бонкӣ ва вусъат бахшидани низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шумор меравад. Омилҳои мазкур метавонанд ба рушди фаъолияти инноватсионии субъектҳои дигари сатҳи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат низ заминаи мусоид гузоранд.

6. Дурнамои идоракунии захираҳои бонкӣ ва таъмини истифодаи самараноки онҳо то давраи соли 2030 таҳия ва коркард гардида, сенарияи рушди онҳо ба се қисм ҷудо карда шуда, ҳар яки онҳо бо моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ асоснок карда шуданд. Дар ин росто, коркард ва натиҷаҳои ҷамъбасти таҳқиқот оид ба идоракунии захираҳои бонкӣ дар татбиқи

ҳадафҳои стратегии мамлакат аҳаммияти калон дошта, он метавонад ба рушди устувори иқтисоди миллӣ таъсири мусбат расонад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар асоси омӯзиши нуктаҳои назариявии олимон асосҳои назариявии захираҳои бонкӣ ва қарзӣ баррасӣ гардидааст;
- сохтори заминавии иқтидори молиявию сармоягузорӣ тавассути захираҳои бонкӣ муайян ва коркард карда шуд;
- ҳаҷми захираҳои бонкӣ ва раванди самаранок истифодабарии онҳо таҳлилу баҳогузорӣ гардида, муаммоҳои ҷойдошта равшан пешниҳод карда шуд;
- механизмҳои таъсиррасонандаи сиёсати пулию қарзӣ ва нақши онҳо дар ташаккули захираҳои бонкӣ муайян ва пешниҳод гардид;
- роҳҳои такмили низоми баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ба воситаи ҷалби маблағҳои муваққатан озод ва истифодаи самараноки онҳо дар иқтисоди миллӣ, коркард ва пешниҳод карда шуд;
- ба воситаи моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ дурнамои рушди ҳаҷми захираҳои бонкӣ ва омилҳои таъсиррасон ба онҳо то давраи соли 2030 таҳия ва пешниҳод карда шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар он асос ёфтааст, ки муаммоҳои назариявӣ, методӣ ва пешниҳодҳо, инчунин натиҷаҳои бадастомада ба ташаккул ва идоракунии захираҳои бонкӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар заминаи татбиқи пешниҳодҳои зикршуда, таҳлилҳо ва таҳқиқоти гузаронидашуда, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷойгирнамоии маълумот дар Бюллетени омори бонкӣ, таҳлилҳои анҷомдодаи мутахассисон дар мақолаву маҷаллаҳо, барномаҳои миёнамуҳлату дарозмуҳлати сиёсати пулию қарзӣ, роҳу усулҳои баҳодиҳӣ ва идоракунии захираҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баён мегардад, ки инҳо ҳангоми омода намудани диссертатсия истифода шудаанд.

Инчунин, ҳангоми баҳодиҳии ҳаҷми захираҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таносубҳои муосири баҳодиҳии захираҳои худӣ ва захираҳои ҷалбкардашуда истифода карда шуд.

Натиҷаҳо ва маводи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон ҳамчун асос дар раванди таълими фанни алоҳида (Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ) истифода намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.4. Проблемаҳои таъмини сиёсати мутавозинии бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули дороиҳои ғайрифаъоли бонкӣ дар ҳамаи бахшҳои сарчашмаҳо ва захираҳо; 10.8. Сиёсати сармоягузории бонк; 10.11. Арзёбии пойгоҳи сармоявии бонк: арзёбии муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои инкишоф; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии

сандуки дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои муносибгардонии сандуки мазкур; 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ; 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқот барои иҷрои нақшаи кори илмӣ, мақсад ва вазифаҳои гузоштащуда, асоснокқунӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди мавод бо иштироки бевоситаи муаллиф амалӣ карда шудааст. Аз ин рӯ, муаллиф барои самаранок истифодабарӣ ва баҳодиҳии дурусти захираҳои бонкӣ саҳми худро гузоштааст ва доир ба ин масъалаҳо мақолаҳои илмӣ нашр намудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Мукаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои нисбатан муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои гуногун баррасӣ ва муҳокима гардидаанд. Пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои «Молия», «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии  хавфҳои бонкӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраҳои молия ва суғурта, инчунин кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Таҳқиқоти илмӣ-амалӣ бо мақсади таъмини иҷрои самараноки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, расидан ба мақсадҳои Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, барои муайян намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва таъмини иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 равона гардидааст.

**Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ДМТ аз 10.01.2023 №29/дс, аз ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» аз 06.02.2023 ва аз ҶДММ «Эсхата Лизинг» аз 13.02.2023 таҳти  №39/1 мавҷуд ҳаст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 12 мақолаи тақризшаванда дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ нашр шудаанд, ки онҳо зиёда аз 6,0 ҷузъи чопиро дар бар мегиранд.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М].** Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкӣ: масоили назариявӣ, ташкилӣ ва истифодаи онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2020. №4 (24). – С. 177-188. ISSN: 2663-0389

**[2-М].** Шарифзода, Н.Ш. Захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявию сармоягузории кишвар [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. №2 (26). – С. 149-160. ISSN: 2663-0389

**[3-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. №4. – С. 129-139. ISSN: 2413-5151

[4-М]. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва нақши он дар рушди захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. №6. – С. 27-41. ISSN: 2413-5151

**[5-М].** Шарифзода, Н.Ш. Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккули захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, Ш. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. №1 (30). – С. 21-32. ISSN: 2663-0389

**[6-М].** Шарифзода, Н.Ш. Ҳолати муосири захираҳои ҷалбкардашуда ва нақши онҳо дар ташаккули захираҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, Ш.М. Раҳимзода, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: "Сино", 2022. №4. – С. 26-33. ISSN: 2413-5151

**[7-М].** Шарифзода, Н.Ш. Усулҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, И.Р. Иброҳимзода, С.С. Саъдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: "Сино", 2022. №10. – С. 32-42. ISSN: 2413-5151

**[8-М].** Шарифзода, Н.Ш. Исследование методов оценки банковских ресурсов как стабильная основа повышения инвестиционного потенциала Республики Таджикистан [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, У.А. Шарипов // Финансовая экономика. – 2023. – № 5. – С. 293-302. ISSN: 2075-7786

**[9-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳқиқи усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: "Сино", 2023. №5. – С. 85-96. ISSN: 2413-5151

**[10-М].** Шарифзода, Н.Ш. Усулҳои идоракунии захираҳои ҷалбкардашуда ҳамчун унсури ташаккули захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: "Сино", 2023. №6. – С. 45-53. ISSN: 2413-5151

**[11-М].** Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ баҳри таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: "Сино", 2023. №10-2. – С. 21-30. ISSN: 2413-5151

**[12-М].** Шарифзода, Н.Ш. Ҳолати муосири захираҳои бонкӣ ва истифодаи самараноки онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода, Ш. Раҳимзода // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: "Шуъбаи таҳрир ва таъбу нашр", 2024. №3 (68). – С. 27-39. ISSN 2664-0651

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[13-М].** Шарифзода, Н.Ш. Резервы коммерческих банков и их возможность использования как инвестиции для экономического развития страны [Текст] / Н.Ш. Шарифзода, У.А. Шарипов // Материалы IV национальной (российской) научно-практической конференции "Трансформация бизнеса и общественных институтов в условиях цифровизации экономики" (26-27 мая 2022 г). – Санкт-Петербург: СПбУТУиЭ, 2022. – С. 289-296.

**[14-М].** Шарифзода, Н. Ш. Исследование теоретических аспектов формирования кредитных ресурсов [Текст] / Н. Ш. Шарифзода, З. М. Зиёев // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 02 мая 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 295-309. – EDN UMBHTI.

**[15-М].** Sharifzoda N. Sh. Raising capacity financial-investment country: resources banks business and durability bank of the Republic of Tajikistan [Text] / N. Sh. Sharifzoda, U. A. Sharipov // Endless Light in Science. – 2023. – № 4(4). – С. 171-179. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-171-179. – EDN OPOGUM.

**[16-М].** Шарифзода, Н. Ш. Методы управления привлеченными ресурсами как элемент формирования ресурсов банка [Текст] / Н. Ш. Шарифзода, А. Х. Исматов // Совершенствование финансово-кредитной системы в условиях цифровизации национальной экономики: Сборник научных трудов, посвященный «Дню работников финансовых органов Республики Таджикистан», Душанбе, 07 декабря 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2024. – С. 287-293. – EDN ATXPSW.

Дар асоси муҳокимаи диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» дар ҷаласаи кафедра,

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризҳои муқарризони холис Нурализода Э.Н. – д.и.и., дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Шоасалов Н.Қ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Аҳадов И.Қ. – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва хулосаи роҳбари илмӣ д.и.и., профессор Ш. Раҳимзода ба инобат гирифта шавад;
2. Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, анҷомёфта ҳисобида шавад;
3. Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар маҷлис 23 нафар иштирок доштанд, аз онҳо 14 нафар дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ буданд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор 14 - нафар, Зид – нест, Бетараф - нест.

4. Қарори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «18» ноябри соли 2024, суратҷаласаи №4/1 тасдиқ карда шавад.

**Раис:**
н.и.и., муаллими калони
кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ — Хоҷаев Б.Б.

**Котиб:**
н.и.и., дотсенти
кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ — Махшулов С.Ҷ.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Дурустии имзоҳои **Хоҷаев Б.Б. ва Махшулов С.Ҷ.-ро** тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.